ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «14» 08 соли 2025 № 297/ду ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани парвандаи аттестатсионии Сафаров Б.Б.

Мутобиқи сархати чоруми банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 31 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:

1. Парвандаи аттестатсионии номзади илмҳои педагогӣ Сафаров Бахтиёр Бердиевич оид ба дарёфти унвонии илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси Информатика бозхонд карда шавад.
2. Дархости Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино аз 04.07.2025, №01/2734-2 дар бораи додани унвони илмии дотсент рад карда шавад.
3. Раёсати Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино уҳдадор карда шавад, ки пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии Сафаров Б.Б. барои дарёфти унвони илмии дотсент тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монад.
4. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба Донишгоҳи номбурда дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат (Бахтиёр Шарифзода) вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаби унвони илмӣ Сафаров Б.Б, аз 14.08.2025, №02-04/120 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ.

Муовини раис Шарифзода М. М.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ